**Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират
734026 ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/6. тел./факс 235-15-25

Аз «____» соли 2012, № _____

Вазорати меҳнат
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳисобот**
**дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар семоҳаи якуми соли 2012**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар семоҳаи якуми соли 2012 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монд.

**I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар се моҳи якуми соли 2012 дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ чунин иттилоъ медиҳад. Дар ин давра ба Агентӣ 266 адад ариза, мактуб ва дархостҳо ворид гардидаанд, ки аз инҳо 66 адад мактубҳо аз ҳукумат, корхона ва ташкилотҳо, 200 адад аризаҳои шаҳрвандон оиди расонидани кӯмакҳои моддӣ, таъмин намудан бо аробачаи маъюбӣ, маснуоти ориятӣ ва роҳхатҳои санаторӣ-курортӣ, ҷойгир намудани пиронсолони якаву танҳо ва маъюбон дар хона-интернатҳо, имтиёзҳои маъюбон ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Агентӣ буданд, ки саривақт баррасӣ гардида, ҷавобҳои саҳеҳ ва дар доираи қонунҳои амалкунанда гардонида шуд. Илова бар ин, ҳамарӯза ба Агентӣ 15-20 нафар шаҳрвандон ба тариқи шифоӣ муроҷиат намуда, онҳо қаноатманд гардонида шуданд.

**Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1555 нафар бошандагон зиндагӣ мекунанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 56 нафар зиёд аст. Аз онҳо 913 нафар мардон ва 642 нафар занҳо мебошанд. Аз ҷумла, 206 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 574 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 104 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 536 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 190 нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд.**

Ҳамзамон, дар шӯъбаи тавонбахшии Муассисаи давлатии “Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони “Чорбоғ” ба 100 нафар кӯдакони маъюб тавонбахшӣ расонида шуд. Ҷоиз ба ёдоварист, ки да маркази номбурда алҳол зиёда аз 700 нафар кӯдакон барои тавонбахшӣ гирифтан номнавис гардидаанд, ки ин боиси саривақт нагирифтани тавонбахшии такрорӣ мегардад.

Аз ин хотир зарур аст, ки шумораи кат-ҷой зиёд ва миқдори рӯзҳои табобатӣ кам карда шаванд.

Шумораи фавтидагон дар семоҳа 15 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2 нафар зиёд аст. Дар давраи ҳисоботи 30 нафар, аз ҷумла, 7 нафар кӯдакон ба хона-интернатҳо ҷойгир кунонида шуданд. Ба бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо зиёда аз 923 нафар кормандон хизмат мерасонанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сифати хӯрок дар ин муассисаҳо меъёри хӯроки бошандагон аз тарафи Пажӯҳишгоҳи «Ғизо» аз нав баромада шуд, ки мувофиқи он меъёри нон 0,50 кг, қанд 0,15 кг, маҳсулоти макаронӣ 0,30 кг, равған 0,10 кг ва сабзавот 0,50 кг зиёд карда шуд. Дар ин асос Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2012, № 3 «Дар бораи тасдиқи меъёрҳои маводи ғизоӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ» меъёри хароҷоти маводи ғизоӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо, истироҳатгоҳҳо, Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон тасдиқ гардида, ба ҳамаи муассисаҳо дастрас гардонида шуд. Тибқи фармоиши мазкур меъёри хӯрока барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои беморони касалиҳои рӯҳӣ 10,48 сомонӣ, пиронсолону маъюбон 10,37 сомонӣ ва барои кӯдакони маъюб 10,11 сомонӣ, Литсей интернати касбии махсуси маъюбон 12,23 сомонӣ, барои истироҳатгоҳҳо 12,30 сомонӣ ва барои осоишгоҳи Харангон 13,19 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯз тасдиқ гардид, ки нисбат ба соли 2011 барои хона-интернатҳо 1,0 сомонӣ, барои хонандагони Литсей-интернат 1,5 сомонӣ ва барои осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо 2,0 сомонӣ зиёд аст.

Дар семоҳаи аввали соли равон бо мақсади беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоии маъюбон барои муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо аз буҷети ҷумҳурӣ тибқи нақша 4034330 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2011 10 % зиёд буда, то имрӯз пурра маблағгузорӣ шудаанд. Илова бар маблағҳои ҷудогардида дар давоми семоҳа ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз ҳисоби ташкилоту идораҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба маблағи 205284 сомонӣ кӯмаки хайрия ворид гардидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳоло дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва истироҳатгоҳҳо ҳолати кабудизоркунӣ ва ободонӣ ҷараён дорад ва тибқи маълумотҳо то имрӯз зиёда аз 811 бех ниҳолҳои мевадиҳанда ва 630 бех ниҳолҳои сояафкан шинонда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёда аз 120 бех нихолхои мевадиҳанда ва 70 бех ниҳолҳои сояафкан зиёд аст.

Оиди корҳои зидди сӯхтор дар муассисаҳо чораҳои амалӣ андешида шудаанд. Оид ба ҳолати зимистонгузаронии муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ба мавсими зимистони соли 2011-2012 бо шахсони масъули муассисаҳо семинар гузаронида шуд, ки дар ҷараёни он бисёр масъалаҳои ҳалталаб роҳи ҳалли худро ёфтанд. Ҳар моҳ ҳисоботҳои муассисаҳо оиди зимистонгузаронӣ ҷамъбаст гардида, ба Ситоди Вазорат пешниҳод карда мешаванд. Инчунин муассисаҳо аз тарафи гурӯҳи кории таъсисдодашуди Агентӣ санҷида шуда, камбудиҳо дар ҷояшо ислоҳ гардиданд. Айни ҳол муассисаҳо ба қадри зарурӣ бо лавозимоти лозимаи зидди сӯхтор таъмин буда,

гурӯҳҳои ихтиёрии зиддисухторӣ таъсис дода шуда, мунтаззам назорат бурда мешавад.

Агентӣ дар ин давра нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни байналмилалии Наврӯз таҳия намуда, тибқи он мунтаззам назорат намуда, вобаста ба ин ҷадвали иштироки намояндагони Вазорат ва Агентӣ дар чорабиниҳои наврӯзии муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо тасдиқ ва дастраси масъулин гардонида шуд. Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона дар доираи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид.

Оиди фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳо бояд қайд намуд, ки ба номусоидии боду ҳавои имсола нигоҳ накарда, ҳоло корҳои кишту кори баҳорӣ, ниҳолшинонӣ, ободонӣ дар ҳамаи муассисаҳо дар ҷараён аст. То имрӯз дар зиёда аз 30 га заминҳо зироатҳои ғалладонагӣ, 1,5 га картошка, 2 га пиёз ва дигар зироатҳо кишт карда шудаанд. Ҳоло нақшаи истеҳсол ва даромади хоҷагиҳои ёрирасон таҳия ва пешниҳод гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Ёвон ва Чорбоғ мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Санҷиш нишон дод, ки дар фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои номбурда то ҳол камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, рахти хобби бошандагон, меъёри хӯрока, додани меваҷот (100-150 гр.) пурра риоя карда намешавад.

Дар ин давра роҳбарони як қатор муассисаҳо иваз (ротатсия) карда шуданд. Ба ҳолати имрӯза роҳбарони МД хона-интернатҳои Ваҳдат, Чорбоғ, Литсей-интернат ва истироҳатгоҳҳои Харангону Ромит иваз карда шуданд.

Оид ба муассиаҳои давлатии осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо бояд қайд намуд, ки барои дар сатҳи баланд ва босифат гузаронидани мавсими истироҳатии соли 2012 омодагии онҳо идома дорад.

**Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ ва кӯмакҳои иҷтимоӣ**

Мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбон, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта, кӯдакони имконияташон маҳдуд чорабиниҳоро татбиқ менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ аз ҷониби шаҳрвандон 205 ариза, аз ҷумла, бо мақсади гирифтани кӯмаки моддиву молиявӣ 151 ариза ворид гардид, ки дар доираи талаботи Созишномаи байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии исломии Эрон мувофиқ меомаданд, ҷиҳати иҷро ба кумитаи мазкур пешниҳод гардиданд, 14 ададашон баррасӣ гашта, ба соҳибонашон посух гардонида шуд.

Барои аз нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи иштирокчиёну маъюбони ҶБВ, иштирокчиёни ҷанг дар қаламрави дигар давлатҳо, бартарафкунандагони оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил ва шахсони зарардида, маъюбони Артиши Шӯравӣ ва шахсоне, ки дар давраи ҶБВ камаш шаш моҳ дар ақибгоҳ кор кардаанд, ё барои меҳнати фидокоронаашон солҳои ҶБВ дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои ИҶШС

мукофотонида шудаанд, 40 дархост ворид гашт, ки ҳамаи онҳо баррасӣ гардида, тибқи меъёрҳои муқаррааргардида мактуб омода шуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан»- и Тоҷикистон 17 ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» 23 мактуб ирсол гардид.

Ҷиҳати татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2010, №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» интишор гардид. Тибқи қарори номбурда дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ба таври таҷрибавӣ тайи солҳои 2011-2012 ба ҷои кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳои солҳои қаблӣ шакли ягонаи кӯмакпулии унвонӣ ба оилаҳои камбизоат, дар ҳаҷми ҳар семоҳа 100 сомонӣ ва дар маҷмӯъ давоми сол 400 сомонӣ ба тариқи таҷриба ҷорӣ гашт. Айни ҳол дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон ба 8487 оила кӯмакпулии унвонӣ таъйин карда шудааст.

Яке аз вазифаҳои шӯъбаи мазкур мусоидат ба фаро гирифтани шахсони эҳтиёҷманд, пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон ва дигар ниёзмандоне, ки ба худ хизмат расонида наметавонанд, ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар хонаҳояшон мебошад.

Ҷиҳати бархӯрдор намудани ниёзмандон аз ин шакли хизматрасонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 37 адад шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамоянд. Шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба ниёзмандон зиёда аз 20 намуди хизматҳои иҷтимоӣ- маишӣ, иҷтимоӣ- равонӣ, иҷтимоӣ- тиббӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ мерасонанд. Ҳоло 600 нафар кормандони шӯъбаҳои мазкур ба 4655 нафар эҳтиёҷмандон хизмати иҷтимоӣ расонида истодаанд.

Соли гузашта фаъолияти аксари ин шӯъбаҳоро мутахассисони соҳа дида баромада, камбудиҳои зиёдеро ошкор карданд. Аксари шӯъбаҳо дар назди шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, тибқи талаботи низомнома шахси ҳуқуқӣ набуданд ва фаъолияти молиявии мустақил надоштанд, ки ин албатта таъсирашро ба сатҳу сифати хизматрасонӣ мерасонид. Бинобар ҳамин, ба ҳамаи Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дар маҳалбудаи Агентӣ ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои дар боло зикргардида барқиянома фиристода шуд. Ҳоло вазъият куллан ислоҳ гардидааст.

Агентӣ доир ба тағйироти микдориву сифатии хизматрасонии иҷтимоӣ омӯзиш ва таҳлилҳо гузаронида, кӯшиш ба он дорад, ки фаъолияти муасссисаҳои хизматрасонии иҷтимоиро ба сатҳу сифати нав ва ҷавобгӯ ба талаботи замона роҳандозӣ созад.

Ҷиҳати баланд бардоштани тахассуси кормандони иҷтимоии шӯъбаҳои дар шаҳри Душанбе амалкунанда дар моҳи феврал курсҳои такмили ихтисос ташкилу гузаронида шуд, ки дар он шунавандагон оид ба шаклҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳамгироии маъюбон маълумоти муфассал пайдо намуданд. Инчунин аз тарафи Муассисаи давлатии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои Вазорат бо ошпазҳои марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имкониятaшон маҳдуд ва дигар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ

семинари омӯзишӣ ташкил ва гузаронида шуд, ки бешубҳа ба малакаҳои кориашон бетаъсир намонд.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, одамони ғайри қобили меҳнат, кӯдакони имкониятaшон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта дар шаҳру ноҳияҳо 14 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал менамоянд, ки ҷамъ 390 нафар кормандони иҷтимоии ин муассисаҳо ба 1905 нафар муштариён хизматҳои иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ мерасонанд. Ҳашт адади ин марказҳо аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади он аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Панҷ адади ин марказҳо барои тавонбахшии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуди синну солашон аз 3 то 18 - сола пешбинӣ шудаанд. Дар ин марказҳо дар як даври қабул, ки аз 3 то 6 моҳро дар бар мегирад, ба 353 нафар кӯдакони маъюб корҳои профилактикӣ-тавонбахшӣ гузаронида мешавад. Кӯдакон дар ин марказҳо се маротиба бо хӯроки гарми мувозишуда таъмин мебошанд. Гарчанде, ки дар марказҳо мутахассисон фаъолият дошта бошанд ҳам, аммо шумораашон кофӣ нест. Махсусан мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои логопед ва сурдолог намерасанд.

Дар Марказҳои минтақавии барои пиронсолон ва маъюбон пешбинӣ шуда эҳтиёҷмандоне, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, муваққатан ба мӯҳлати то 6 моҳ бо ҷои зист ва хӯрок таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар Марказҳои минтақавӣ барои пиронсолон ва маъюбон 65 нафар эҳтиёҷмандон ба таври доимӣ ба сар бурда, се маротиба бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ба онҳо хизматҳои беҳдоштӣ низ расонида мешавад. Дар назди қисме аз ин марказҳо шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал намуда, ба қисми зиёди эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизмати иҷтимоӣ мерасонанд.

Ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки баъзе эҳтиёҷмандон муддатҳои тӯлонӣ дар ин марказҳо зиндагӣ доранд, ки хилофи қоидаҳои муқарраргаридад мебошад. Ҳоло барои дар Муассисаи давлатии «хона-интернати пиронсолон ва маъюбони «Деҳмой» ҷойгир намудани бошандагони доимии Маркази минтақавии хизматрасонӣ ба пиронсолон ва маъюбони шаҳри Хуҷанд чораҳои зарурӣ андешида истодаем.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманд ба шаклҳои наву замонавии хизматрасониҳо эҳтиёҷ дорад. Аз ин рӯ, тибқи Матритсаи рушди соҳаи хизматрасонӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон соли 2010 аз тарафи ташкилоти ғайридавлатии «Чашмаи эҳсон» ва Ассотсиатсияи «Одамият» бо кӯмаку дастгирии Комиссияи Иттиҳодияи Аврупо Маркази будубоши рӯзона барои пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Ёвон ва марказҳои минтақавии пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Қурғонтеппа, ноҳияҳои Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба эҳтиёҷмандон хизматҳои машваратии ҳуқуқӣ, равонӣ, маишӣ, санитарӣ ва омӯзишӣ расонида, онҳоро бо маводҳои доруворӣ таъмин менамоянд, ташкил шуданд. Аз соли 2010 ин марказҳо тибқи шартнома бо Агентӣ фаъолият намуда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ба фаъолияти сохторҳои дар маҳалбудаи Агентӣ низ вобаста мебошад. Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №102 бояд Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи

ичтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, марказҳои минтақавӣ ва дигар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоиро ҳамоҳанг созанд.
Аз ин рӯ, имсол тибқи бо фармони директори Агентӣ дар ҳаммаи раёсату шӯъбаҳои дар маҳалҳо буда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ кормандон вобаста шуданд. Ин имконият медиҳад, ки фаъолияти Агентиҳо дар ин самт ҷоннок гардонида шавад.

Дастгирии иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла, таъмини онҳо бо воситаҳои техникии ҳаракат дар маркази диққати бахши кӯмакҳои иҷтимоӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, маъюбоне, ки ба воситаҳои техникӣ эҳтиёҷ доранд сари вақт ба қайд гирифта мешаванд. Бахш давоми ду моҳ 861 нафар эҳтиёҷманд, ки маълумотномаи ХДТТИ доранд, ба қайд гирифтааст.
Аз тарафи муассисаи зертобеъи Агентӣ КВД «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» маъюбони эҳтиёҷманд дар ин давра бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, аробачаҳои маъюбӣ, асо ва асобағал таъмин карда шудаанд.

Корхона дар ду моҳи соли ҷорӣ дар якҷоягӣ бо филиалҳояш нақшаи истеҳсолиро ба қадри 96 фоиз иҷро намуд, ки маблағи умумии маҳсулоти истеҳсолшуда 489823 сомониро ташкил медиҳад.

Нишондодҳои истеҳсолии корхона дар семоҳаи якуми соли 2012 тариқи зайл мебошад:

| № | Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | Думоҳаи ( январ ва феврал) соли 2012 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | нақша | Дар асл | % |
| 1 | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | сомонӣ | 509250 | 489823 | 96 |
| 2 | Истеҳсоли пойафзол аз ҷумла: | ҷуфт | 1200 | 1153 | 96 |
| | -пояфзоли ортопедӣ | ҷуфт | 750 | 704 | 94 |
| | -пояфзоли протезӣ | ҷуфт | 450 | 447 | 99 |
| 3 | Камарбанди чармӣ | адад | 9 | 9 | 100 |
| 4 | Истеҳсоли протезҳо, аз ҷумла: | адад | 210 | 202 | 96 |
| | -протези пой | адад | 54 | 73 | 135 |
| | -протези даст | адад | 6 | 4 | 67 |
| | -ортез | адад | 147 | 121 | 82 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | -фиксаппарат | адад | 3 | 4 | 133 |
| 5 | Таъмири протез, ортез | адад | 126 | 180 | 143 |
| 6 | Истеҳсоли асобағал | адад | 210 | 233 | 110 |

Маҳсулоти тайёри корхона то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи нишондиҳандаи маъюб ба эҳтиёҷмандон дода мешавад. Ба маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур иқомат доранд, дархосташон ба воситаи шӯъбаҳои алоқа дастрас гардонида мешавад. Давоми семоҳи соли равон ба эҳтиёҷмандон 21 адад аробачаи маъюбӣ, 4 адад асо ва 18 ҷуфт асобағал тақсим карда дода шуд.

Аз тарафи корхонаи болозикр ҳамагӣ дар семоҳа ба 1707 нафар маъюбон хизмати иҷтимоӣ расонида шуд. Бояд зикр намуд, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» ҳамагӣ 82 нафар коргарон кор мекунанд, ки аксарияти онҳоро маъюбон ташкил медиҳанд.

**II. Дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.**

Танзими масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳайси афзалиятҳои муайяншуда дар ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии Тоҷикистон – Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола пайваста мадди назари роҳбарияти давлат ва вазорат қарор доранд.

Дар пайваст ба ҳамин Агентӣ ҷиҳати ташаккули раванди мусоидат ба шуғли аҳолӣ шаклу услубҳои муосир ва ҷадиди чунин хизматрасониҳоро ба аҳолӣ тадриҷан дар фаъолият мавриди амал қарор дода истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Агентӣ тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 фаъолиятро ба роҳ монда, иҷрои чорабиниҳои барномаро дар ҳама самтҳо ба андозаи 28,3 фоиз таъмин намуд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 30936 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 17021 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 11017 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 8072 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 611 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 585 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 1316 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 3833 нафар дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 2014 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 34148 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 120 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 895 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 726 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 166 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ

1787 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад).

**Вазъи феълии шуғлнокӣ.** Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ, дар моҳи январи соли 2012-ум 2145,5 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ҷумлаи онҳо 2091,2 ҳазор нафар (97,5 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 54,3 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ доранд, ки 2,5 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Теъдоди бекорони расман дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда нисбат ба моҳи декабри соли 2011-ум 0,3 фоиз кам шуда, 27,7 ҳазор нафарро (51 фоиз) занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор теъдоди кироякорон дар корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият дар моҳи январи соли 2012-ум 1007,2 ҳазор нафар ё 48,2 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод. Шумораи кормандони кироя дар намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши воқеӣ 589,6 ҳазор нафар ва намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад 417,6 ҳазор нафарро ташкил намуд. Теъдоди кормандони кироя тибқи сохтори соҳавии шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 47,7 фоиз, маориф 18,4 фоиз, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 8,4 фоиз, саноати коркард 5,8 фоиз, мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ 3,4 фоиз, хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ 3,2 фоиз, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 2,8 фоиз, сохтмон 2,3 фоиз, савдо ва таъмир 2,0 фоиз, нерӯи барқ, газ ва таъминоти об 1,7 фоиз, молия 1,6 фоиз, амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ 1,2 фоиз, саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ 1,0 фоиз ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ 0,5 фоизро ташкил дод.

Дар миқёси ҷумҳурӣ бошад, теъдоди кормандони кироя дар ВМКБ 21,1 ҳазор нафар, вилояти Хатлон 366,5, Суғд 380,6, шаҳри Душанбе 129,6 ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 109,4 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Дар моҳи январи соли 2012 дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта 26,0 ҳазор нафар шаҳрвандон кор карданд, ки ин теъдод 2,6 фоизро аз шумораи ҷойҳои кори ишғолшуда ташкил медиҳад.

Шумораи кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта дар соҳаҳои иқтисод кор кардаанд дар бахши хизматрасонӣ 22476 нафар ва дар бахши воқеӣ 3502 нафарро ташкил намуд, ки мутаносибан 5,4 ва 0,6 фоизро нисбат ба шумораи ҷойҳои кори ишғолшуда ташкил медиҳад.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 дар миқёси ҷумҳурӣ бояд 121351 ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд. Дар семоҳаи аввали соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 34148 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, ки 28,1 фоизи нақшаи пешгӯии Барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ВМКБ- 719 ҷой, вилояти Хатлон – 14228, Суғд – 11024, шаҳри Душанбе – 5208, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 2969 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 2933, саноат - 2326, кишоварзӣ -9402, нақлиёт ва алоқа - 631, савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ -12736, дигар соҳаҳо – 4656 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 1464 ҷойҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Таъсиси ҷойҳои кории нав дар ташкилоту корхонаҳо вобаста ба шакли моликият ва идоракунӣ чунин аст: дар корхонаю ташкилотҳои бахши давлатӣ - 3541 ҷойҳои кории нав (10,4%), бахши коллективӣ - 8178 (23,9%), дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият - 3257 (9,5%) ва дар сектори хусусӣ - 19172 (56,1%) ҷойҳои кории нав таъсис дода шудаанд.

Таҳлили сохтори ташкилии таъсиси ҷойҳои нави кори аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҷойҳои корӣ (56,1%) дар бахши хусусӣ таъсис дода шудаанд. Ин раванд дар навбати худ далел бар он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳким ва густариши заминаҳои қонунгузорӣ дар самти мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ пайваста талош дорад.

Эълон доштани манъи санҷиш ва тафтишоти гуногуни соҳибкорон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, роҳандозӣ намудани принсипи "равзанаи ягона" дар ташкил ва бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ гувоҳи равшани гуфтаҳои болост.

Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки масъалаи хеле муҳим дар ин росто муайянсозии хусусияти ҷойҳои кори таъсисшаванда мебошад. Бо мақсади ислоҳи ин вазъ соли равон бо қарори Ҳайати мушовараи вазорат аз 23 феврали соли 2012, №5 "Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омори шуғли аҳолӣ" дар пешниҳоди маълумот оид ба таъсиси ҷойҳои нави кори тағйирот ворид карда шуд ва минбаъд хусусияти ҷойҳои кори таъсисшаванда дар ҳисоботҳо нишон дода мешавад.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 30936 нафар шаҳрвандон мурочиат намуданд.

Аз шумораи мурочиатнамудагон 17021 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 11017 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 8072  нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 25,7 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми соли ҷорӣ 611 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 25,6 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 120 ярмаркаи ҷойҳои кории  холӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар ВМКБ 6 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд 27, вилояти Хатлон 75, шаҳри Душанбе 2 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 10 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 1405 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён 21858 ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 1431 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 895 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Дар баробари ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ 726 нафар шаҳрвандон роҳхат

барои касбомӯзӣ ва 166 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 1787 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар охири моҳи марти соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 11030 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд. Аз ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда 2102 адад ба соҳаи саноат (музди миёнаи меҳнат 422 сомонӣ), 618 ба соҳаи сохтмон (музди миёнаи меҳнат 526 сомонӣ), 742 ба соҳаи кишоварзӣ (музди миёнаи меҳнат 195 сомонӣ), 536 ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (музди миёнаи меҳнат 213 сомонӣ), 1378 ба соҳаҳои маориф ва фарҳанг (музди миёнаи меҳнат 271 сомонӣ), 3209 ба соҳаи тандурустӣ (музди миёнаи меҳнат 198 сомонӣ), 210 ба соҳаи савдо ва хизмати маишӣ (музди миёнаи меҳнат 222 сомонӣ), 764 ба соҳаи манзилию коммуналӣ (музди миёнаи меҳнат 233 сомонӣ) ва 1471 ба дигар соҳаҳо (музди миёнаи меҳнат 322 сомонӣ) рост меояд. Таҳлили таркибии ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 29,1 фоизи он ба соҳаи тандурустӣ, 12,5 фоиз ба соҳаҳои маорифу фарҳанг ва 19,1 фоиз ба соҳаи саноат тааллуқ доранд. Тавре аз нишондодҳо бармеояд аксари ҷойҳои кории холӣ ба сектори давлатӣ, яъне аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда рост меояд ва сабаби асосии банд нашудани ин ҷойҳои кории холӣ музди меҳнати паст мебошад.

Илова ба ин, бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори умум дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмиллалии муҳоҷират ва бо дастгирии молиявии Вазорати рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир дар шабакаи Интернет сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ» бо суроғаи www.kor.tj таъсис дода шуд, ки феълан фаъол мебошад.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**. Дар доираи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои дастгирии ташаббуси бекорон дар рушди соҳибкорӣ тавассути пардохти қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор чорабиниҳо амалӣ мешаванд.

Пардохти қарзҳои имтиёзнок шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандони бекор худро мустақилона ба кор таъмин намоянд ва ба ин васила сатҳи зиндагии худро беҳтар намоянд.

Дар ин раванд фаъолият тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» ва нишондиҳандаҳои «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2013» амалӣ мешавад.

Ба ҳолати 29 марти соли 2012 дар заминаи қарорҳои болозикр ва нишондодҳои Барнома, ки масъалаҳои дастгирии шаҳрвандони бекорро ҷиҳати ташкили корҳои фардӣ танзим менамоянд аз ҳисоби маблағҳои бозгаштшуда ба 585 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 1668414 сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи

71,3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо қарзҳои имтиёзнок барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пардохт гардид.

Аз ҷумла, тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 93 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 191379 сомонӣ, вилояти Суғд ба 175 нафар дар ҳаҷми 432450 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 127 нафар шаҳрвандони бекор ба андозаи 413215 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 28 нафар ба маблағӣ 124200 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 162 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 507170 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок таъин ва пардохт гардид.

Дар муқоиса ба нақшаи асосии Барнома соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 19,5 фоизро ташкил намуд.

Самти фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор бошад давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ асосан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ равона гардидааст.

Тибқи маълумотҳо тайи давраи ҳисоботӣ бо мусоидати мақомоти Агентӣ ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ ба 303 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 850572 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 189 нафар шахсони бекор ба андозаи 545860 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 93 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 271982 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт гардидааст.

Дар ин давра ба дастгирии ташаббуси занону ҷавонон низ аҳамият дода шуда, давоми семоҳаи аввали соли равон ба 258 нафар занон дар ҳаҷми 729807 сомонӣ ва ба 145 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 413766 сомонӣ, қарзҳои хурди имтиёзнок дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз дар ин самти фаъолият таъмини ҷараёни саривақт баргардонидани маблағҳои барои дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ додашуда мебошад.

Давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ нисбати ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардида аз ҷониби шаҳрвандон дар ҳаҷми 1785100 сомонӣ маблағ баргардонида шуд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли 2011-ум 296831 сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи сарраёсат, раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ андозаи қарзҳои имтиёзноки саривақт бозгаштнашуда дар миқёси ҷумҳурӣ 290813 сомонӣ мебошад, аз ҷумла, дар ВМКБ 66415 сомонӣ, дар вилоятҳои Хатлон 78083 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе 80400 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад 62615 сомониро ташкил медиҳад.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.** Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор аз оғози соли равон Барномаи ташкили касбомӯзии шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар соли 2012 таҳия ва тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 дар соли равон аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 12200 нафар шаҳрвандони бекор, муҳоҷирони меҳнатӣ ва калонсолон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шаванд.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар муассисаҳои таълими касбии соҳа маҷмӯан 8406 нафар шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шуданд, ки аз ин теъдод 3833 нафар аз ҳисоби буҷети барнома мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба пешгӯии

барнома 31,4 фоизро ташкил намуда, аз ҷумла дар ВМКБ 210 нафар, вилояти Хатлон 1158, Суғд 1129, шаҳри Душанбе 537 ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 799 нафар шаҳрвандон ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.

Аз шумораи ба касбомӯзӣ ҷалб гардидагон тавассути Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” 2300 нафар, дигар муассисаҳои таълими касбии система 1521 ва муассисаҳои таълими касбии берун аз система 12 нафар шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнативу калонсолон аз рӯи 31 касбу ихтисос ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Аз шумораи умумии шаҳрвандоне, ки ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонӣ фаро гирифта шудаанд, 2345 нафарро занон ва 3157 нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз теъдоди умумии шаҳрвандони аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома ба тайёрии касбӣ ҷалбшуда, 1263 нафар (32,9%) ихтисоси дӯзанда, 477 нафар (12,4%) ихтисоси кафшергари газию барқӣ, 676 нафар (17,6%) ихтисоси асосҳои омӯзиши компютер ва 1417 нафар (37,1%) дигар касбу ихтисосҳои коргарӣ ва хизматрасонро омӯхтанд.

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок ва истифодаи босамари ин малакаҳои касбӣ бевосита иртибот дорад.

Маҳз аз ҳамин хотир, дар ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии Тоҷикистон – Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ташаккули захираҳои инсонӣ, иштироки фаъоли аҳолӣ дар раванди рушд, инчунин ҳалли масъалаҳои гендерӣ ҳамчун афзалиятҳои миллӣ муайян шудаанд.

Дар пайваст ба ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули муназзами бозори хизматрасонии таълими касбӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, барои рушди ин соҳа пайваста тадбирҳоро амалӣ менамояд.

Ташрифи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи соли нави мелодии 2012 ба Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дар арафаи ҷашни байналмиллалии “Наврӯз” ба Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” худ гувоҳи равшан аз ин гуфтаҳост.

Қобили қайд аст, ки дар Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” касбомӯзии маъюбону ятимон ва бепарасторони синни мактабӣ ба роҳ монда шудааст. Айни замон дар ин литсей-интернат 270 нафар ҷавонони қобилияти ҷисмониву фикриашон маҳдуд ба таълиму тарбия ва табобат фаро гирифта шудаанд, ки аз ин теъдод 165 нафар маъюб, 6 нафар ятим, 1 нафар бепарастор, 20 нафар аз оилаҳои маъюбон ва боқимонда аз оилаҳои камбизоат мебошанд. Теъдоди ҷавондухтарон дар ин муассиса беш аз 50 нафарро ташкил медиҳад.

Барои таълиму тарбия ва табобати шомилини ин муассиса 22 омӯзгор, 13 устоҳои таълими истеҳсолӣ ва 4 мураббия машғули кор мебошанд ва дар хобгоҳи литсей 205 нафар хонандагон зиндагӣ мекунанд.

Дар бунгоҳи тиббии муассиса бошад, утоқи физиотерапевтӣ ташкил карда шудааст ва то ин дам зиёда аз 80 нафар бошандагони муассисаи мазкур дар он табобат гирифта, ҳамаи 205 нафар бошандагони литсей барои пешгирӣ аз бемории фалаҷ эм карда шудаанд.

Муассисаи мазкур таҳти назорати доимии вазорат қарор дошта сол аз сол маблағгузории он аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёд шуда истодааст. Танҳо соли 2011-ум ба муассиса аз ҳисоби буҷети давлатӣ 2 миллиону 147 ҳазору 834 сомонӣ ҷудо гардид, ки нисбат ба соли 2010-ум 503 ҳазору 124 сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамасола теъдоди муайяни хатмкунандагони ин муассиса тавассути квотаҳои Президентӣ ба макотиби олии кишвар дохил мешаванд. Аз ин намуд ғамхории Президенти кишвар танҳо давоми панҷ соли охир наздик 100 нафар хонандагони маъюб бархӯрдор шудаанд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” низ мавҷуд аст, ки дар ҷодаи касбинтихобкунӣ, расонидани хизматҳои машваратӣ ва касбӣ ба корҷуёну шаҳрвандони бекор, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ хизмат мерасонад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки мувофиқи ин санад дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” роҳандозӣ шуда, тайи давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 6642 нафар хизмати касбӣ расониданд.

Аз ҷумла дар ВМКБ ба 304 нафар, вилояти Суғд 1299, Хатлон 1690, шаҳри Душанбе 1755 ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 1594 нафар хизмати касбӣ расонида шуд.

Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо хизмати касбӣ расонида шуд 1741 нафарро бекорон, 611 нафарро занон, 69 маъюбон, 729 ҷавонони синни 15 то 29 сола, 120 ҷавонони аз сафи Артиши миллӣ озодшуда ва 212 нафарро шахсони дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд.

Агентӣ бо назардошти нақши муҳим доштани рушди касбии захираҳои меҳнатӣ дар пешрафти иқтисоди ҷумҳурӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати таълими касбӣ ва рушди ин соҳа пешниҳод менамояд:

1) Феълан дар Тоҷикистон феҳристи стандартҳои касбии миллӣ вуҷуд надорад, ки сифати таълими касбӣ аз ин стандартҳо вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳарчи зудтар Кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба таҳияи стандартҳои касбии миллӣ бо сохторҳои соҳавии он таъсис дода шавад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори миллии тахассусӣ» ҳамчун механизми мутобиқнамоии сифати таълими касбӣ ба талаботи бозори меҳнат ба тасвиб расонида шавад.

2) Дурнамои воқеии талабот ба кадрҳо ва банақшагирии тайёр намудани кадрҳои коргарӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ҳарчи зудтар бояд роҳандозӣ гардад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки аз ҷониби вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф, энергетика ва саноат,меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти

муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як механизм таҳия, тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шавад.

3) Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро зарур аст, ки дар ташкили муассисаҳои таълими касбии кӯтоҳмӯҳлат бо назардошти талабот ба кадрҳои коргарӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мусоидат намоянд.

4) Дар баробари раванди ба таълими касбӣ фаро гирифтани аҳолӣ, масъалаи роҳнамоии касбӣ, яъне касбинтихобкунии ҷавонон ва насли наврас низ хеле муҳим аст. Аз ин хотир, мувофиқ ба мақсад аст, ки заминаи мавҷуда, яъне Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ" бо дастгирии давлат боз ҳам мустаҳкам гардад, зеро дар ҷумҳурӣ ин ягона муассисае мебошад, ки ба шаҳрвандони бекору корҷуй, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷавонон хизматҳои машваратию касбӣ мерасонад.

5) Масъалаи хеле муҳими дигар таҳияи механизми ба тариқи имтиёзнок ба таҳсили касбӣ фаро гирифтани ҷавонписарон ва ҷавондухтарони имкониятașон маҳдуд дар муассисаҳои таълими касбӣ мебошад. Зарур аст, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ин механизм аз ҷониби вазоратҳои маориф ва меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҳия карда шавад.

6) Бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ дар муассисаҳои таълими касбии калонсолони Тоҷикистон зарур аст, ки омӯзиши касбу ихтисосҳои нав, аз қабили кандакорӣ, заргарӣ, мураббия-парастор ва дигар касбҳо ба роҳ монда шавад.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи 89 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 1316 нафар бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии Барнома 29,2 фоизро ташкил намуд.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар вилояти Суғд 410 нафар, вилояти Хатлон 678 нафар, шаҳри Душанбе 90 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 138 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои музднoки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки алҳол аз ҷониби корфармоён ва мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ на аз рӯи ҳама намудҳои корҳои ҷамъиятии музднок шартномаҳои тарафайн баста мешаванд ва дар фаъолияти минбаъда зарур аст, ки ин ҳолат ислоҳ гардад, зеро ташкили корҳои ҷамъиятии музднок яке аз тадбирҳои фаъол дар муваққатан бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва корҷӯён мебошад.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ**. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 2014 нафар шаҳрвандон ба маблағи 275763 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки ин нишондиҳанда 38 фоизро аз таъмини иҷрои барнома ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 65 нафар 6553 сомонӣ, вилояти Суғд ба 625 нафар 121107 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 651 нафар 67471 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 336 нафар 35541 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 337 нафар 45091 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 96 нафар занон дар ҳаҷми 24269 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

**Роҳнамоии касбӣ**

Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ фаъолияти худро мутобиқ бо қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, кору фаъолият намуда истодааст.

Дар оғози семоҳаи аввали соли 2012 кормандони Марказ фармоиши муштараки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Нақша - чорабиниҳои муштараки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба «Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 23.02.2012, №314,32 ба имзо расониданд, ки мавриди иҷро қарор дорад.

Бахшида ба ҷашни Наврӯзи аҷам ҷамъомад гузаронида шуд.

Семинари ҷумҳуриявӣ доир ба мавзӯи «Тарзу усулҳои омӯзиши хонандагон ба касбҳои замонавӣ» дар ноҳияи Ҳисор гузаронида шуд, ки дар он 30 нафар иштирок намуданд. Дар кори семинар 16 нафар андешаҳои худро оид ба тарзу усулҳои омӯзиши хонандагон ба касбҳои замонавӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва пешравии кор дар ин самт иброз доштанд.

Ҷараёни семинар аз тарафи Шабакаи аввал наворбардорӣ ва пахш гардид. Илова бар ин, ба воситаи Шабакаи аввал ва «Ҷаҳоннамо» оид ба иҷроиши «Барномаи рушди роҳнамои касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» барномаи махсус ҳамчун филми мустанад пахш гардид. Ғайр аз ин, дар рӯзномаю маҷаллаҳо маќолањо оид ба мавзўњои дуруст ва бошуурона интихоб намудани касб аз ќабили «Мулоќоти судманд», «Омўзиши дурусти оќилона касб», «Дунёи касб», «Мењри касб», «Новый центр», «Касбњои мардумї ва эњёи он дар Истаравшан» дар матбуотњои вилоятї, нoњиявї ва љумњуриявї чоп гардида, дастраси хонандагон гардид.

Корманди шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касбӣ дар ноҳияи Ваҳдат дар ҳамкорӣ бо рӯзномаи «Шаҳриёр» вохӯрии ҷавонони лаёқатманди эҷодкорро бо шоирони халқии Тоҷикистон ташкил намуданд, ки дар он 60 нафар иштирок карданд.

Кормандони Марказ барои такмил ва баланд бардоштани савияи тахассусӣ тибқи нақша – чорабиниҳои «Барнома» аз 3 январ то 14 феврали соли 2012 дар «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» барои омӯзиши компютер таҳсил намуда, маҳорати касбии худро сайқал доданд.

Тибқи нақша-чорабиниҳои «Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» кормандони Марказ бо

кормандони Лоиҳаи Ҷамъияти Олмонӣ ва дастгирии «Хонаи ҷавонон» силсила семинар-тренингҳо дар соли 2012 ба нақша гирифтаанд, ки айни ҳол мавриди амал қарор дорад. Аз он ҷумла, санаҳои: 19-20 март, 26-28 март дар мавзӯҳои «Муайян намудани зинаҳои инкишофи Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ ва оияндабинии он», «Омӯзиши маводҳои ташхисӣ барои нақшаҳои дурнамо» гузаронида шуд.

Аз 6 феврал то 31 марти соли 2012 мувофиқи шартномаи дуҷонибаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ 5 нафар донишҷӯён аз шӯъбаи «Психология»-и факултаи фалсафа ҳамчун таҷрибаомӯз фаъолият намуданд.

Дар семоҳаи аввал дастури методӣ бо номи «Касбинтихобкунӣ: мақсад ва вазифаҳо» бо теъдоди 500 нусха ва тавзеҳнома бо номи «Мафҳумҳои асосии тадқиқоти сотсиологӣ» бо теъдоди 250 нусха аз чоп баромад.

Кормандони Марказ дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озоде, ки аз тарафи мақомотҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлону Суғд ташкил ва гузаронида шуда буд, ширкат варзида, бо 252 нафар корҷӯён тадқиқотҳои сотсиологӣ ва бо 470 нафар машваратҳои фардӣ гузарониданд, ки дар шаҳри Душанбе – 84 нафар, дар вилояти Суғд - 116 нафар, дар ВМКБ - 36 нафар, дар вилояти Хатлон - 180 нафар ва дар НТҶ – 54 нафар рост меояд.

Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки ба ярмаркаҳо ашхоси касбу кори гуногун, ки дархӯрди талаби бозори имрӯза аст, муроҷиат карданд. Аз натиҷаи таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашуда хулосае бармеояд, ки сабаби асосии бекор мондани шаҳрвандони ҷумҳурӣ: иваз шудани ҷойи истиқомат, мувофиқ набудани шароити корӣ, иваз шудани ихтисос, ихтисор шудани кадрҳо ва ё баста шудани корхона, бо сабаби паст будани маош, бо сабаби саломатӣ ва то ҳол дар ягон ҷой кор накардани онҳо мебошад. Бояд қайд намоем, ки 90-95% шаҳрвандони дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод муроҷиаткунанда шуғле надоранд, бекоранд, аз инҳо 30-35%-ро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Кормандони Марказ мувофиқи нақшаи корӣ дар бозорҳои «Мардикор»-и шаҳри Душанбе бо 83 нафар, дар вилояти Суғд бо 266 нафар, ВМКБ бо 26 нафар ва НТҶ бо 43 нафар ашхоси корҷӯ, ҷамъ бо 418 нафар машваратҳои фардӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон, курсҳои бозомӯзӣ маълумотҳо пешниҳод намуданд. Инчунин кормандони Марказ бо 157 нафар бекороне, ки ба бозорҳои «Мардикор»-и Шоҳмансур, маҳаллаи 82-и шаҳри Душанбе ва бозорҳои «Мардикор»-и вилояти Суғд муроҷиат кардаанд, тадқиқотҳои сотсиологӣ гузарониданд. Натиҷаи таҳлили тадқиқотҳо нишон дод, ки ба бозори «Мардикор» шахсони касбу кори гуногун барои таъмини талаботи моддии оилаҳои худ рӯ овардаанд. Сабаби асосии ба бозори «Мардикор» рӯ овардани мардон бешуғлӣ ва кам будани музди маош мебошад. Ба саволи «Дархости Шумо?» дархост намудаанд, ки барои шаҳрвандон ҷойҳои кории холӣ муҳайё намоянд, корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пурра ба кор дароянд ва музди маошро зиёд намоянд.

Кормандони шӯъбаи тадқиқоти сотсиологӣ ва омӯзиши афкори умум барои гузаронидани тадқиқотҳоси сотсиологӣ доир ба мавзӯҳои зерин:

1. «Вазъи иқтисоди бозоргонӣ аз нигоҳи Шумо» (бо кормандони системаи буҷавӣ);
2. Оид ба омӯзиши вазъи бекорони аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ярмаркаи ҷойи кор»;
3. Гузаронидани тадқиқот дар байни бекороне, ки ба бозори «Мардикор» омадаанд;
4. «Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» (бо хатмкунандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ);
5. «Бозор яке аз омилҳои асосии бо кор таъмин намудани шаҳрвандон»;
6. «Интихоби касб – талаби замон» пурсишномаҳо таҳия намуда, бо шӯъбаи «Фалсафа»-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мувофиқа намуданд.

Кормандони шӯъба дар давоми семоҳаи аввали соли 2012 доир ба мавзӯи «Вазъи иқтисоди бозоргонӣ аз нигоҳи Шумо» (бо кормандони системаи буҷавӣ) дар 16 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо 887 нафар ва дар 14 ташкилотҳои буҷавии ноҳияи Рӯдакӣ бо 695 нафар, ҷамъ бо 1582 нафар кормандони системаи буҷавӣ тадқиқотҳои сотсиологӣ гузарониданд.

Натиҷаи таҳлили тадқиқот нишон дод, ки аз 1582 нафар кормандони ситемаи буҷавӣ 76,4% занон, 23,6% мардон, аз ҷиҳати миллат 81,2% тоҷикон, 16,8% узбекон ва 2% русҳо мебошанд. Аз инҳо 67,7% бо маълумоти олӣ, 7,5% бо маълумоти олии нопурра, 16,2% бо маълумоти миёнаи махсус ва 8,6% бо маълумоти миёнаи умумӣ фаъолият карда истодаанд. Омӯзгорон аз рӯи ихтисоси худ 90,1% ва табибон 9,8% кор мекунанд. Ба саволи «Касби дӯстдоштаи Шумо?» - 84,1% - омӯзгор, 11,7% - табиб,0,5% - иқтисодчӣ, 1,6% - коргузор, 1,2% - рӯзноманигор, 0,3% - муҳандис, 0,1% - барномасоз ва 0,5% - ронанда ҷавоб гардондаанд. Аз шумораи 1582 нафар кормандони системаи буҷавӣ 77,7% - аз рӯи ихтисоси худ кор мекунанд, 15% - аз рӯи ихтисоси худ кор намекунанд, 4,7% - мехоҳанд ягон ихтисоси дигар гиранд, 1,9% - ба ихтисос ниёз надоранд ва 0,7% - бо андешаҳои дигар арзёбӣ намудаанд. Вазъи иқтисоди бозоргониро 25,4% - шароити корӣ хуб аст, 15,3% - шароити корӣ нест, 31,9% - вазъият дигаргунӣ мехоҳад, 26,9% - эҷодкорӣ лозим аст ва 0,5% - андешаҳои дигар ҷавоб гардондаанд. Миқдори музди маоши кормандони системаи буҷавӣ: 4,6% - то 150 сомонӣ, 14,5% - то 200 сомонӣ, 60,8% - то 300 сомонӣ ва 20,1% - то 500 сомониро ташкил медиҳад, бинобар он маоши мегирифтагиашон 3%-ро қаноатманд, 30,9%-ро қисман қаноатманд ва 66,1%-ро қаноатманд намегардонад. Маош ва нархи бозорро 93,3% -маош паст, нарх баланд арзёбӣ намуданд.

Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон нисбати интихоби бошууронаи касб дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7,11,12,13-и ноҳияи И.Сомонӣ, №31,48,79-и ноҳияи Шоҳмансур, №50,60,87,95-и ноҳияи Сино, №24,28,45,75-и ноҳияи Фирдавсӣ, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, бо хатмкунандагон машваратҳои гурӯҳӣ гузарониданд. Ҳамаи пурсишҳо таҳлил ва рамзкушоӣ карда шуда, дастраси хонандагон гардиданд. Дар ин машваратҳо 1331 нафар хонандагон иштирок намуданд.

Инчунин мутахассисони шӯъбаҳо ва бахш дар вилоятҳо, нуқтаҳои машваратии ноҳияҳои тобеи ҷумҳур дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,2,3,4,5,6,12,16,23,30,32,33,36,49-и вилояти Суғд бо 704 нафар, №8,9,10,28-и ВМКБ бо 188 нафар, №1,2,10,29,54 ва Литсейи техникии ноҳияи Вахши вилояти Хатлон бо 1450 нафар, №1,37-и ноҳияи Рӯдакӣ бо 340 нафар, №1,2,30-и ноҳияи Ваҳдат бо 267 нафар, №1,5,10-и ноҳияи Ҳисор бо 160 нафар, №3,4,29-и ноҳияи Файзобод бо 267 нафар ва №1,98,101-и ноҳияи Турсонзода бо 194 нафар, дар маҷмӯъ бо 3570 нафар хонанда машваратҳои гурӯҳӣ гузарониданд.

Дар ин семоҳа дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Фирдавсӣ дар мавзӯи «Касбро бояд бошуурона интихоб намуд», №4-и ноҳияи И.Сомонӣ дар мавзӯи «Интихоби касб – талаби замон», №38-и ноҳияи Сино дар мавзӯи «Ҳамаи касбҳо хубанд» семинар-машваратҳо гузаронида шуд. Дар ҷараёни семинарҳо баромадкунандагон ва собиқадорони меҳнат дар бораи меҳнати ҳалол ва соҳиби обрӯю эътибор гардидани худ нақл намуданд.

Чунин семинарҳо, вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар бо собиқадорони меҳнат дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,2,56-и вилояти Хатлон, №45,32,4,5,32,27-и вилояти Суғд, №6-и ВМКБ, №30-и шаҳри Ваҳдат, №101-и шаҳри Турсунзода, №22-и ноҳияи Файзобод, №5-и ноҳияи Рӯдакӣ ва №16-и ноҳияи Ҳисор низ гузаронида шуданд.

Инчунин, кормандони шӯъбаи машварати касбии вилояти Хатлон рамзкушоии 460 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№1,2,56-ро таҳлил намуда, мувофиқи касбҳои интихобкардаи хонандагон, дар ҷамоати шаҳраки Вахши ноҳияи Вахш санаи 22 феврали соли ҷорӣ вохӯрии хонандагони ҳамин мактабҳоро бо собиқадорони меҳнат дар соҳаи тиб ташкил намуданд. Собиқадорони меҳнат дар бораи нозукиҳои касби худ нақл намуда, касбинтихобкунандагонро ба меҳнати ҳалол ва садоқат нисбат ба Ватан даъват намуданд. Дар чорабинии мазкур кормандони мақомотҳои иҷроияи маҳаллии Ҳокимияти давлатӣ, сардори шӯъбаи тандурустӣ ва кормандони маорифи вилоят иштирок ва суханронӣ намуданд. Аз рафти ин чорабинӣ гузоришҳо таҳия гардид.

Кормандони бахши машварати касбӣ ва интихоби касб дар ВМКБ якҷоя бо кормандони Амнияти миллии вилоят бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ дар қисми ҳарбӣ ва қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи дар шаҳри Хоруғ буда, рӯзҳои «Дарҳои кушод» ташкил намуданд. Дар ин чорабинӣ намояндагони Комиссарияти ҳарбӣ, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, маориф ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба интихоби касб ва фаъолият намудан дар ин самт бо хонандагони синфҳои 11 сӯҳбат намуда, ба саволу дархостҳои онҳо посуххои қаноатбахш доданд.

Бо мақсади ёрии амалӣ расонидан ба ашхоси корҷӯ ва бекор, ки ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияҳои шаҳри Душанбе мурочиат намуданд, кормандони Марказ бо 278 нафарашон машваратҳои фардӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ ва марказҳои таълимии бозомӯзӣ маълумотҳо пешниҳод намуданд. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати вилояту ноҳияҳо, мутахассисони вилояти Суғд бо 187 нафар, вилояти Хатлон бо 60 нафар, ВМКБ бо 25 нафар ва мутахассисони ноҳияҳои

тобеъи ҷумҳур бо 263 нафар ашхоси корҷӯе, ки ба ин мақомотҳо муроҷиат кардаанд, машваратҳои фардӣ гузарониданд.

Барои иҷрои қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №278 «Дар бораи тасдиқи Барномаи кор бо ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» дар марказҳои кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва н.Фирдавсӣ бо 44 нафар наврасони касбомӯз машваратҳои гурӯҳӣ гузаронида шуд.

Кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Суғд якҷоя бо нозирони минтақавии ноҳияҳо дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №52-и шаҳри Исфара, №27-и ноҳияи Ҷ. Расулов, №2-и шаҳри Конибодом ва №1-и шаҳри Чкаловск бо хонандагони мушкилтарбияи дар қайди милиса буда, сӯҳбат ва машваратҳои фардию равонӣ гузарониданд.

Кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо комиссияи оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо оид ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба қонуншиканӣ ва ба ҷиноят даст задании ноболиғон, мусоидат намудан ба кӯдакони ятиму бепарастор ва вусъат додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ дар байни ноболиғони душвартарбия дар шаҳри Қурғонтеппа бо 16 нафар, дар ноҳияи Бохтар бо 55 нафар, дар ноҳияи Ҳамадонӣ бо 5 нафар, дар ноҳияи Данғара бо 2 нафар ва дар шаҳри Норак бо 10 нафар ноболиғон сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуданд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ барои иҷрои қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №543 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» кормандони шӯъба дар маҳаллаи Помири ноҳияи Шоҳмансур бо 21 нафар наврасон ва ҷавонон вохӯрӣ гузарониданд. Дар ин вохӯрӣ кормандони Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳияи Шоҳмансур ва падару модарон иштирок намуданд. Инчунин оиди иҷроиши қарори болозикр кормандони шӯъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби вилояти Суғд бо 5 нафар ашхоси дар асоси моддаи 2 банди 3-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» озодшуда, сӯҳбат – машваратҳои равонӣ гузарониданд.

Кормандони Марказ дар ҳамкорӣ бо мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳо оид ба соҳиб шудан ба шаҳодатномаи тахассусӣ ба коргарон сӯҳбат ва машваратҳо гузаронида, ба марказҳои таълимӣ роҳнамоӣ намуданд.

Ҳамин тариқ, дар семоҳаи аввали соли 2012 кормандони шӯъбаҳо, бахш ва нуқтаҳои машварати касбӣ ҷамъ бо 6642 нафар аҳолӣ хизматҳои касбӣ расониданд. Аз ҷумла: дар ВМКБ – 304 нафар, дар вилояти Суғд - 1299 нафар, дар вилояти Хатлон – 1690 нафар, дар шаҳри Душанбе – 1755 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ – 1594 нафар. (Маълумоти рақамӣ замима мегардад).

**III. Дар самти муҳоҷирати аҳолӣ**

Агентӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ фаъолияти кории худро дар се- моҳаи аввали соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили

муҳоҷират, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, дар самти муҳоҷирати аҳолӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар давоми семоҳаи аввали соли 2012 Агентӣ бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ ва пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табиӣ ва ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушти соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 "Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013», рӯйхати муҳоҷироне, ки соли 2012 аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида мешаванд дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуда, ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода барои тасдиқ пешниҳод намуд ва айни замон мавриди омӯзиш қарор дорад.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, №47 "Дар бораи аз минтақаи зериобмонии нерӯгоҳӣ барқии оби Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод" дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод ва Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқии обии Роғун", ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирони аз минтақаи зериобмонии НБО Роғун кӯчонидашавандаро барои соли 2012 омода ва тасдиқ намуд.

Ҳамзамон дар давоми семоҳаи аввали соли 2012 Агентӣ бо мақсади муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, инчунин дар асоси банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №263 "Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба чораёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ" лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014"- ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил дод ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд.

Инчунин лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530"ро таҳия ва ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ барои мувофиқа пешниҳод намуд. Мутаассифона, лоиҳа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ карда нашуд.

Фаъолияти Агентӣ дар семоҳаи соли равон дар самтҳои мухталифи муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ чунин аст:

**Муҳоҷирати экологӣ:** Дар семоҳаи аввали соли 2012 кор дар ин самт асосан барои иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010,

№211 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013» ва аз 20 январи соли 2009, № 47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод», равона гардидааст.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ, тибқи харҷномаи тасдиқгардида барои соли 2012 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3077190 сомонӣ пешбинӣ намудааст, ки аз он 2769471 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 307719 сомонӣ кӯмаки якдафъаинаро ташкил медиҳад.

Қайд ба маврид аст, ки бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, №47 «Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод» Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, ноҳияи Нуробод ва Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун» ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун барои соли 2012-ро таҳия ва тасдиқ намуд, ки дар асоси он бояд 300 оила бо шумораи умумии 1283 аъзои оила ба мавзеъҳои ҷудогардида кӯчонида шаванд.

Айни замон зерсохторҳои Агентӣ дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод дар баробари корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, рӯйхати ном ба ном ва ҳуҷҷатҳои шахсии оилаҳои кӯчонидашавандаи муҳоҷиронро аз минтақаи зериобмонии «НБО Роғун» дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод барои кӯчонидан ба мавзеъҳои нави муайянгардида омода намуда истодаанд.

Агентӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ иҷрои қарори болозикрро таҳти назорати доимӣ қарор дода кӯшиш менамояд, ки вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо саривақт амалӣ намояд.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, № 332 "Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013" соли 2012 бояд 300 хоҷагӣ аз минтақаҳои хавфнок ба дигар минтақаҳои бехавф кӯчонида шаванд, аз ҷумла: аз ВМКБ– 49 хоҷагӣ, вилояти Суғд- 48, вилояти Хатлон- 104, НТҶ- 99 хоҷагӣ.

Айнӣ замон рӯйхати муҳоҷирони экологие, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пешниҳод гардидаанд, барои тасдиқ ба Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода баъд аз мувофиқа бо Саридораи геология ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**Камбудиҳои ҷойдошта ва зарурати ҳалли он.** Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии муҳоҷирони экологӣ унвонии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират саривақт пешниҳод карда намешаванд.

Дар бисёр мавридҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо минтақаҳои хавфноки ҷойдоштаро ба инобат нагирифта,

қарорҳои худро нисбати ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматии муҳоҷирони экологӣ ба тасвиб намерасонанд.

Ба ин ноҳияҳо мисол шуда метавонанд: ноҳияи Мурғоби ВМКБ, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Шаҳритус, Балҷувони вилояти Хатлон ва ноҳияи Нуробод.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тарафи интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирони аз минтақаи зериобмонӣ кӯчонидашаванда:

-саривақт пардохт накардани маблағи арзиши хонаҳои истиқоматӣ ва дигар амволи хонаводаҳои кӯчонидашаванда;

-бе мувофиқа таҳия кардани рӯйхати аҳолӣ ва кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаи зериобмонӣ;

-саривақт аз ҷониби Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи Нерӯгоҳи барқии обии Роғун" ва вазорату идораҳои дахлдор омода нанамудани мавзеи нави ҷойгиршавии муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ ва полезӣ, барқ, таъмири роҳҳои дохилихоҷагӣ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва бунгоҳи тиббӣ.

**Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ):** Дар семоҳаи аввали соли 2012 кор дар ин самт асосан ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №467 "Дар хусуси тасдиқи Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012» ва аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» ба роҳ монда шудааст.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012», соли 2012 бояд дар ҷумҳурӣ 951 оила ихтиёрӣ кӯчонида шаванд; аз он ҷумла: дар вилояти Хатлон - 120 оила, вилояти - Суғд 512 оила ва НТҶ 319 - оила.

Аз ҷониби Вазорати молия барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2012 маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 1426500 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 1145122 сомонӣ, дар маҷмӯъ 2571622 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Бо мақсади иҷрои саривақтии қарори болозикргардида ва пешниҳоди рӯйхати аниқшудаи муҳоҷирони дохилӣ барои соли 2012, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 27 сентябри соли 2011 таҳти №14.2/2446 мактуби расмӣ ирсол гардид.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда тибқи нақша рӯйхати аниқшудаи муҳоҷиронро барои маблағгузорӣ ва кӯчонидани онҳо дар давоми соли 2012

пешниҳод карданд. Рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 марти соли ҷорӣ тасдиқ карда шуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2012 бо сабаби сардии боду ҳаво ягон оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) дар ҷумҳурӣ кӯчонида нашуданд.

Дар семоҳаи аввали соли 2012 ба 136 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҷумҳурӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 204000 сомонӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияҳои Ҷиргатол ва Носири Хусрав барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират барои таъмини пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 «Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ(ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода» дар соли ҷорӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Бо мақсади иҷрои чараёни иҷрои қарори мазкур ва супоришҳои Протоколи Ситоди ҷумҳуриявӣ масъулини Агентӣ якчанд маротиба ба шаҳри Турсунзода сафари кори анҷом дода, мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон, яъне Қизил-юл, Галаботури ҷамоати Навобод ва Тегирмону Пахтабойи ҷамоати «10-солагии Истиқлолият»-ро мавриди санҷиш ва таҳлил қарор доданд, ки аз натиҷаи он ҳар ҳафта унвонии роҳбарият маълумот пешниҳод карда мешавад.

Ҷиҳати суръат бахшидан ба таъмини иҷрои қарори мазкур аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода барои ба шуғл фаро гирифтани муҳоҷирони дохилии кӯчонидашуда чораҳои амалӣ андешида шуда, муҳоҷирон барои ободонӣ, кабудизоркунӣ, кандан ва тоза намудани каналу ҷуйборҳо дар мавзеъҳои нави зисташон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуданд.

Барои интихоб намудани касбҳои гуногун аз ҳисоби муҳоҷирони кӯчонидашуда 126 нафар дар курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзиши касби дӯзанда(чевар), асосҳои компютер ҷалб гардиданд.

Ба 22 нафар муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёри)-и аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон кӯчонидашуда ба маблағи 55100 сомонӣ қарзи имтиёзнок барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дода шуд.

Бо роҳхати Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Турсунзода 218 нафар муҳоҷирон то айни замон бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд, аз ҷумла 48 нафар ба шӯъбаи маориф, 11 нафар ба маркази саломатӣ, 41 нафар ба КВД «Ширкати алюминийи Тоҷик», 6 нафар ба ҶСК “Алюминсохтмон”, 4 нафар ба корхонаи обу корезӣ, 2 нафар ба шӯъбаи сохтмон ва меъморӣ, 6 нафар ба Терминали мусофирбарии “Фирӯз”, 1 нафар ба корхонаи таъбу нашр (редаксия), 2 нафар дар бонки “Эсхата”, 1 нафар дар фонди ҳифзи иҷтимоӣ, 3 нафар дар ШКД-и шаҳр, 2 нафар дар шӯъбаи фарҳанги шаҳр, 24 нафар дар сохтмони мактаби мавзеъҳои Галаботур(8), Пахтабой(18), Тегирмон(6), 58 нафар дар бозори марказии шаҳри Турсунзода ва як нафар дар бахши танзими ҷашну маросимҳо дар ҷамоати 10-солагии Истиқлолият.

Ба ду оилаи муҳоҷирони мавзеи Галаботур (аз ноҳияи Восеъ) аз ҳисоби заминҳои хоҷагии “Наврӯз” ба миқдори 2 га замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ҷудо карда шуда, ба як оилаи муҳоҷир аз ноҳияи Ҳамадонӣ 1 га замин аз ҳисоби заминҳои хоҷагии “Намуна” барои ташкили боғ ҷудо карда шуд.

Инчунин дар давоми соли 2011 – то имрӯз кӯчонидан ва интиқоли молу амволи 113 оилаи муҳоҷир аз ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Темурмалик, Шӯрообод, Фархор, Ховалинг ва Мӯъминобод ба шаҳри Турсунзода таъмин карда шудааст.

Ба ҳолати 27 марти соли 2012 аз 1000 сардори оилаи кӯчонидашуда ҳамагӣ 1000 сардори оила бо шумораи умумии 2299 нафар муҳоҷирон дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон шаҳри Турсунзода зиндагӣ менамоянд, аз он ҷумла аз шаҳри Кӯлоб – 87, ноҳияҳои Данғара –123, Восеъ – 231, Шӯрообод – 88, Ҳамадонӣ – 197, Фархор – 45, Ховалинг – 68, Мӯъминобод – 75 ва Темурмалик – 86 оила зиндагӣ доранд. Барои беҳтар кардани вазъи муҳоҷирон ва амалӣ намудани бозгашти қисми боқимондаи онҳо ба шаҳри Турсунзода, Агентӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон тадбирҳои иловагӣ андешида истодааст.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда (1000 сардори оила), 818 оила хонаҳои истиқоматиро сохта, боми онҳоро пӯшониданд, 132 оила девори хонаҳоро бардоштанд, 50 оила таҳкурсӣ (фундамент)-и хонаҳоро гузоштанд.

Ҳоло масъалаи асосие, ки муҳоҷиронро ба душворӣ дучор менамояд, ин мавҷуд набудани ҷойҳои кории доимӣ бо маоши арзанда аст ва чунин ҳолат парокандагии муҳоҷиронро бо аъзои оилаашон ба миён меорад. Инчунин, яке аз сабабҳое, ки боиси кам гардидани масъулиятнокии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гардидааст.

Инчунин 30 августи соли 2011 дар назди Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадаминов М.Б бо иштироки вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, энергетика ва саноат, маориф, нақлиёт, Ширкати саҳомию холдингии кушодаи “Барқи Тоҷик”, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ҷаласаи якҷоя оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа ҳамчунин роҳбарону кормандони масъули вазорат, сардорони Сарраёсат, Раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Ҷиргатол иштирок доштанд. Дар ҷаласа оид ба корҳои анҷомдодашуда ва камбудию норасогиҳои масъалаи мазкур мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифта аз натиҷаи он Протокол ба имзо расид, ки баъдан ба ҳамаи вазорату идораҳо ва сохторҳои зертобеъ ирсол карда шуд.

Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур дар ҷаласаи назди Вазир нисбати пурра ба мавзеъҳои нави зисташон баргардонидани муҳоҷирон ба Сарраёсат, Раёсат, ва шӯъбаҳои Агентӣ дар вилояти Хатлон супоришҳои мушаххас дода шуд.

Аз рӯзи ҷаласа (30 августи соли 2011) сар карда то имрӯз барои беҳтар кардани вазъи муҳоҷирон ва амалӣ намудани бозгашти қисми боқимондаи онҳо ба шаҳри Турсунзода, Агентӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон байни муҳоҷирон корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳиро ба роҳ монда 235 нафар муҳоҷирро ба мавзеи нави зист баргардонд ва ба корҳои сохтмонӣ оид ба сохтмони манзили истиқоматӣ низ суръат бахшида шудааст.

Дар ҷаласаи охирони Ситоди ҷумҳуриявӣ, ки 27 январи соли 2011, №27/4-16.4 дар шаҳри Турсунзода таҳти раисии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.А.Қурбонова баргузор гардида буд, Нақшаи чорабиниҳо оид ба тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори мазкур тасдиқ карда шудааст ва

доир ба иҷрои он дар назди вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода вазифаҳои аниқу мушаххас гузошта шуданд.

Сари вақт иҷро нагардидани масъалаҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, мавҷуд набудани шароитҳои муносиби моддию маишӣ барои зист ва бо сабаби саривақт таъмин набудани муҳоҷирон бо оби тозаи нӯшокӣ, интиқоли қувваи барқ, сангфарш ва ҳамвор набудани роҳҳои дохилихоҷагӣ ва ҳал нашудани дигар масъалаҳои ҳалталаб қисме аз муҳоҷиронро маҷбур сохт, ки мавзеъҳои худро тарк намуда, ба ҷойҳои муқимии худ баргарданд.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №75 "Дар бораи кӯчонидани 1000 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Турсунзода" таҳти назорат қарор дорад.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол», корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Мутобиқи банди 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №557 «Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»» ҷадвали кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 таҳия гардида, аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2010 тасдиқ карда шуд.

Дар асоси банди 1 қарори мазкур дар давоми солҳои 2010 - 2014 ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҳамагӣ бояд 500 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, ва дохили ноҳияи Ҷиргатол кӯчонида шаванд, аз он ҷумла соли 2011 - 195 оила: 125 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 40 оила аз ноҳияи Рашт, соли 2012 - 105 оила: 40 оила аз ноҳияи Рашт, 30 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 35 оила аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол, солҳои 2013-2014 - 200 оилаи дигар аз ноҳияи Ҷиргатол.

Моҳи декабри соли 2010 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирони кӯчонидашаванда 172,06 га қитъаи замин дар мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол ҷудо карда шуд ва кӯчонидани муҳоҷирон дар моҳҳои апрел - майи соли 2011 оғоз гардид.

Дар марҳилаи аввал моҳҳои апрел майи соли 2011 ба 289 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 149 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Лахши ноҳия Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Инчунин аз ҳисоби нақшаи солҳои 2013-2014 рӯзи 28 июли соли 2011 дар марҳилаи дуюм ба 200 оилаи муҳоҷирон аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеъҳои Лахши ҷамоати деҳоти Муксу, Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, Сарталои ҷамоати деҳоти Сартало ва Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахши ноҳияи

Ҷиргатол бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки дар маҷмӯъ 489 оиларо ташкил медиҳад.

Аз ҷониби Вазорат ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ, дар маҷмӯъ ба 500 оила 750000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт ба муҳоҷирон интиқол дода шуд.

Мутобиқи бандҳои 2,3,4,5,6,7,8 ва 13-и қарори болозикр вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол вазифадор карда шуда буданд, ки соли 2010 дар доираи маблағҳои пешбинишуда корҳои омодагиро барои кӯчонидани муҳоҷирон дар асоси Нақшаи тасдиқгардида анҷом дода, доир ба бунёд намудани шаҳраки нави замонавӣ, ки дар он ҷо оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ ҷойгир карда мешаванд, чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар давоми соли 2011 баъзе аз вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ як қатор корҳоро анҷом доданд:

Аз ҷониби Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кулл ва нақшаи сохтмони хонаҳои истиқоматӣ таҳия шудааст.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар ин мавзеъ ба пуррагӣ ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии мавзеъ 4 км роҳҳоро сангфарш намудааст.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳоҷирон 20 адад хаймаҳои ғунҷоишашон аз 10 то 20 нафар ҷудо кард.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сохтмони мактаб корҳоро оид ба кандани таҳкурсӣ оғоз намуд.

Масъалаи мазкур моҳи октябри соли 2010 ва моҳи майи соли 2011 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, нисбати ҳалли масъалаҳо ба вазорату идораҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд.

Мутаассифона, вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби як қатор вазорату идораҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷиргатол оид ба гузаронидани хатти барқ, оби нӯшокиву полезӣ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ ва иншооти дигари ҳаётан муҳим оғоз нагардидаанд.

Чунин вазъият иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистонро халалдор менамояд.

Боқимонда вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда шудаанд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин тибқи муқаррарот корҳои ба зиммадоштаашонро анҷом диҳанд.

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 таҳти назорат қарор дорад.

**Камбудиҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ).**

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо саривақт рӯйхати аниқшуда ва ҳуҷҷатҳои шахсии муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) унвонии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ворид намегарданд, ки ин боиси дар муҳлатҳои

муайянгардида рӯйхати муҳоҷирон омода карда намешавад. Новобаста аз таҳкидҳои чандин карата як қатор шаҳру ноҳияҳо рӯйхатҳои муҳоҷиронро пешниҳод накардаанд, ки ба ин мисол шуда метавонанд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзан дар ҳудуди вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) бар хилофи муқаррароти Низомнома «Дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Раисони шаҳру ноҳияҳо масъаларо ҷиҳати қабул ва ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон мувофиқа намуда, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатномаи расмӣ пешниҳод менамоянд. Лекин, баъд аз қабули муҳоҷирон ва ба онҳо тақсим кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ, кафолатнома оиди таъминот бо оби нӯшокӣ, оби полезӣ, барқ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ, таъмири роҳҳо ва ғайраҳо иҷро намегардад ва чунин вазъ будубоши муҳоҷиронро дар мавзеи нави зист душвор мегардонад. Ба ин мисол шуда метавонанд мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод, ноҳияҳои Шаҳритусу Носири Хусрави вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафарободи вилояти Суғд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷро нагардидани нақша, ин шаҳодати ҳамкории нокифоя дар байни зерсохторҳои Агентӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Пешбарандаи сиёсати муҳоҷирати аҳолӣ дар маҳалҳо маҳз сохторҳои зертобеи Агентӣ - Сарраёсату раёсату шӯъбаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд, лекин Агентиҳои маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳо бемасъулияти нишон дода, қонунгузории соҳавиро низ хуб намедонанд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки минбаъд масъулини сохторҳои зертобеи Агентӣ ҷиддан маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муҳоҷирати аҳолӣ сармашқи кори худ қарор диҳанд.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади омӯзиши самти муҳоҷират, кормандони Агентӣ дар курсҳои такмили ихтисос ширкат варзида ба иштироккунандаҳо масъалаҳои ҷойдоштаи муҳоҷирати дохилӣ ва экологиро фаҳмонида дода истодаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба Агентӣ 55 мактубҳои расмӣ, аз он ҷумла; аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 11 адад, вазорату идораҳои дахлдор - 10, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо - 26, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 7, ва аризаи шаҳрвандон - 1 адад, оид ба кӯчонидан, ҷо ба ҷо намудани муҳоҷирон ва ҳоказо ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо саривақт ҷавоб ирсол карда шудааст.

**IV. Самти ташкилӣ ва назоратӣ.**

Дар семоҳи соли ҷорӣ 13 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 7 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар зерсохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд тайи ҳамин давра 11 нақшаи ҳафтаина, ки 418 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон 11 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда,

446 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор доранд.

**Самти ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тибқи қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат фаъолият намуда, дар семоҳаи аввали соли 2012 дар самти ҳуқуқ ва сиёсати адрҳо корҳои мушахасеро ба сомон расонидааст.

Зикр бояд кард, ки дар заминаи воҳидҳои кории бахши ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо аз 1 ноябри соли 2011 ҳамчун Шӯъбаи ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳои Раёсати ташкилӣ ва ҳуқуқ фаъолият намуда истодааст. Шумораи кормандон аз 4 воҳидҳои корӣ-сардори шӯъба, 2-сармутахассис ва 1 мутахассиси пешбар иборат мебошад. Низомномаи шӯъба дар асоси фармоиши директори Агентӣ аз 23 декабри соли 2011, №74 тасдиқ карда шудааст.

**Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар Агентӣ 541 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, шаҳри Душанбе - 39 ва МҶРК - 40 воҳиди корӣ ҷудо карда шудааст. Аз ин шумора 338 нафар (63%) мард ва 184 нафарро (34%) занҳо ташкил медиҳанд .**

**Дар мансабҳои роҳбарикунанда 147 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора 28 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.**

**Баъд аз таҳлил намудани фармоишҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафарҳои хизматӣ) маълум гашт, ки дар ин муддат ҳамагӣ 96 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон 44, рухсатии меҳнатӣ – 25 ва сафарҳои хизматӣ – 27 адад ба тавсиб расидаанд.**

Бо 44 фармоишҳои ҳайати кормандон 20 нафар кормандон ба вазифа таъин, 10 нафар озод карда шудаанд, навбатдорӣ – 3 адад, муқаррар намудани иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ – 2 адад, 3 - адад муҷозот, 1- адад мукофотҳо ва 5 адад фармоишҳои дигар ба имзо расидаанд.

Бо 25 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ ба 11 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 2 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 2 нафар рухсатии барои нигоҳубини кӯдак, 1 нафар фармоиши тамдиди рухсати меҳнатӣ бинобар зарурияти корӣ, 8 нафар аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд карда шудаанд, 1 нафар рухсатии бемузд.

Бо 27 фармоишҳои сафари хизматӣ, 15 адад курси такмили ихтисос, 5 – адад сафари хориҷа, 2 адад сафари хизматӣ ба вилояти Суғд, 2 адад - вилояти Хатлон, 2 адад - НТҶ, 1 адад - ВМКБ ба тасвиб расидааст.

Дар давоми семоҳи соли ҷорӣ 34 нафар ба такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 22 нафар хизматчии давлатӣ ва 12 нафар кормандони иҷтимоии муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии системаи Агентӣ, ки ҳамаи онҳо зан мебошанд, аз 34 нафар хизматчии давлатӣ, ки ба такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд 5 нафарашон занон мебошанд. Аз ин 2 нафар хизматчии давлатӣ барои баланд бардоштани савияи дониш дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳо иштирок намуданд, ки ҳардуи онҳо занҳо мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби хадамоти кадрии мақомоти Агентӣ оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, № 289

«Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуда буд. Барои давраи фаъолияти соли 2011 хизматчиёни давлатии Агентӣ эъломияҳои худро саривақтӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуданд.

Дар давоми соли ҷорӣ ба 2 нафар кормандони Агентӣ барои зоҳир намудани бемасъулияти нисбати иҷрои вазифаҳои базиммадошта муҷозоти интизомӣ «танбеҳ» эълон карда шудааст. Аз ҷумла, барои вайрон кардани интизоми меҳнат, 1 нафар барои роҳ додан ба камбидиҳои молиявӣ «сарзаниш» эълон карда шуд.

**Аз ҷониби Агентӣ дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиикистоназ 25 январи соли 2011, №4-ҲК «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои навбатдорӣ дар қабулгоҳи Вазир», лоиҳаи фармоиши директор ва Қоидаҳои навбатдорӣ таҳия шуда бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи «Қоидаҳои навбатдорӣ» аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои истироҳат (шанбе, якшанбе) рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати шабонарӯзии навбатдорон тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.**

Оид ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, № 496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» маълумот омода шуда, ба Вазорат пешиҳод карда шуд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2011, №20 ҲК «Дар бораи тадбирҳои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, № 1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар тамоми системаи Агентӣ гузаронида шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки оиди татбиқи иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2011, №1074 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012, №16-ҲК дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Агентӣ ҷиҳатӣ иҷрои фармони болозикр таҳия ва ба тасдиқ расидааст, ки тибқи он соли ҷорӣ кормандони зерсорхотҳои Агентӣ зина ба зина ба ҷойивазкунӣ (ротатсияи) фаро гирифта мешаванд.

Дар робита ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2012 оиди ҷойивазкунии (ротатсияи) роҳбарони сохторҳои Агентӣ як қатор роҳбарони муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ иваз карда шудаанд.

Аз ҷумла, Аминов Ҳикматулло Қадамович директори Муассисаи давлатии Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» бо тариқи гузариш ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат», Пиров Ҷунайдулло Зубайдович директори Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони

Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ»-и н. Варзоб, Шамсуллоева Мавлюда Саидахмедовна директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ»-и н. Варзоб ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд.

Қосимов Маҳмадулло Азимович сардори шӯъбаи банақшагирии хароҷоти давлатӣ ва иҷрои буҷети Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» ва Валиев Зувайдулло Буриевич, сардори Раёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вазорат дар ноҳияи Варзоб ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб» ҳамчунин бо тариқи гузариш иваз карда шудаанд.

Роҳбарони як қатор муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ бинобар сабаби дар солҳои 2009-2010 ва 2011 ба вазифа таъин гардиданашон ба ҷойивазкуни (ротатсия) фаро гирифта нашуданд.

**Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа.**

Дар ин муддат ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3(се) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 (ду) лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат таҳия гардиданд, аз ҷумла:

- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014”-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мувофиқа намуда, дар асоси пешниҳодоти онҳо такмил додашуда ва тибқи муқаррарот барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки он 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №91 тасдиқ карда шуд;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 ки аз 1 марти 2012, №111;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳисоботи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба чараёни иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар самти касбомӯзии шаҳрвандони бекор” таҳия гардида айни замон бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа шуда истодааст.

Дар ин давра ду лоиҳаи қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Аз ҷумла:

- лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омори шуғли аҳолӣ”;
- лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд”.

**Кор бо субъектҳои хоҷагидор, ки бо ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд:**

Фаъолият дар ин самт дар давраи сипаришуда тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №518 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», ки ҳар соли тақвимӣ ба тавсиб мерасад, бо мақсади ҳифзи бозори меҳнати дохили кишвар ва ба танзим даровардани масъалаҳои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил намудани бонки иттилоотӣ оид ба муҳоҷирони меҳнатие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будубош доранд, ба роҳ монда шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2012 ба Агентӣ дархости 85 субъектҳои хоҷагидор барои гирифтани хулоса оид ба ҷалби қувваи кории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд, ки шумораи шаҳрвандони даъватшаванда 3218 нафарро ташкил медод. Аз ин шумораи умумӣ ба 75 субъекти хоҷагидор ба миқдори 1716 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, хулосаи мусбӣ дода шудааст.

Ба як қатор субъектони хоҷагидор аз ҷониби Агентӣ хулосаи рад пешниҳод карда шуд, ки шумораи шаҳрвандони даъватшаванда 1502 нафар ташкил медиҳад. Сабабаш ҳимояи бозори меҳнати дохилӣ ва маҳдуд будани квота мувофиқи фармони мазкур мебошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ асосан барои фаъолият дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ даъват карда шудаанд, аз он ҷумла: дар соҳаи сохтмон, коркарди оҳанпора ва оҳангудозӣ, истеҳсолӣ, хизматрасони дар ҳамаи самтҳои фаъолият, коркарди каъри замин дар конҳо, маъориф, фаъолияти фармасевтӣ, тиҷоратӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонии тиббӣ мебошанд.

Дар баробари ин, роҳбарони субъектҳои хоҷагидор ӯҳдадор шуданд, ки на кам аз 70%-и шаҳрвандони Тоҷикистонро бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин менамоянд.

Дар ин давра ба Агентӣ 75 мактубҳо ва ҳуҷҷатҳои гуногун аз мақомотҳои болоӣ ва мақомотҳои зертобеъ ворид гардиданд: аз ҷумла. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо, фармоишҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар мақомотҳои зертобеъ, ки баъд аз баррасӣ ва муҳокима унвонии онҳо мактубҳои ҷавобӣ фиристода шуда, баъзеи онҳо зери назорати доимӣ ва иҷро қарор доранд.

Дар маҷмӯъ Агентӣ фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва қарорҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монда, баҳри иҷрои мунтазам ва талаботи қонунгузории ҷорӣ мувофиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти фаъолият ва дар амал татбиқ намудани онҳо тадбирҳо меандешад.

**Дафтардори ва коргузорӣ**

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кор бо мурожиатҳои шаҳрвандон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шаҳрвандон» ва талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба ҳамин барои мувофиқакунонии санадҳои доҳилиидоравӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корҳои ташкили гузаронида шуда, бо Сарраёсати бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи нави умумии парвандаҳои коргузорӣ (барои 5 сол) ва Дастурамали коргузорӣ дар Агентӣ мувофиқа гардид.

Тайи давраи сипаришудаи соли 2012 ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират - 665 адад ҳуҷҷат ворид шуда мавриди барраси ва иҷро қарор дода шудаанд.

Хусусияти хуҷҷатҳои воридшуда чунинанд:

ба воситаи Вазорат

- супоришҳои Вазорати мехнат (танхо) - 125
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 69
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 27
- мактубхо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сафоратхонаҳо - 15
- фармону, фармоишҳои Вазир - 15

- мукотибаи вазорату идораҳо, мактубҳо аз зертобеъи Агентӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур - 177
- мурочиати шахрвандон (аризахо) - 237
- қабули мурожиати шифохии шаҳрвандон - 8698

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар семоҳаи аввали соли 2012 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 517 адад хуҷҷатҳоро таҳия намуда, ба мақомоти Агентӣ ва сохторҳои таркибии он барои иҷро ирсол намудааст.

Дар муқоиса бо соли 2011 дар давраи ҳисоботӣ ( аз 1 январи то 20 марти соли 2012) ҳолати воридот ва содироти хуҷҷатҳо дар мақомоти Агентӣ чунин аст.

- муқотибаҳои воридотӣ 19 адад кам (103,0 %)
- муқотибаҳои содиротӣ 46 адад кам (91,8 %)

Дар давраи ҳисоботӣ аз 1 январ то 20 марти соли 2012 ба Агентӣ 237 адад мурожиатҳои хаттии шаҳрвандон дар шакли хаттӣ ворид шудаанд, ки насбат ба соли 2011 (дар давраи ҳисоботӣ) 12 ариза (105,3 %) зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 2 мурочиати коллективӣ, 17 мурочиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 адад аз Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олӣ, 1 адад аз Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ, ва аз Вазорат бошад 49 адад, 3 ариза қабули шахсии Вазир дохил шудааст.

Шумораи мурочиатҳо дар давраи (аз 1 январ то 20 марти ) соли 2012 воридгашта аз рӯи мазмунашон чунинанд :

| | |
|---|---|
| * дар бораи гирифтани кӯмаки моддӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ | 157 |
| * дар бораи гирифтани кӯмаки молиявӣ | 17 |
| * дар бораи дастрас намудани чиптаҳои имтиёзнок | 34 |
| * дар барои дастрас намудани роҳхатҳо ба истирохатгоҳҳо | 3 |
| * дар бораи дастрас намудани аробачаи маъюбӣ ва хадунок | 9\1 |
| * оиди таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 9 |
| * оиди ҷудо намудани манзил | 1 |
| * оиди баргардонидани карзи имтиёзнок | 4 |
| • дар бораи рӯхсатии меҳнати | 2 |

Дар мурочиати шаҳрвандон масъалаҳои расонидани кумаки моддӣ ва молиявӣ, дастрас намудани чиптаҳои итиёзнок, аробачаи маъюбӣ, роҳхат ба истирохатгоҳҳо, дида баромадани роҳҳои баргардонидани карзи имтиёзнок, таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ ва ғайра матраҳ шуданд. Аз арзу шикояти шаҳрвандон бармеояд, ки зиёда аз 70 % дархости кӯмаки моддӣ ва молиявӣ доранд.

Аз ин 73,4 % (174 нафар) бо мазмуни ҷудо намудани кумаки моддӣ ва кумаки молиявӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ мурочиат ворид шудааст. Асосан ин шаҳрвандон яккаву танҳо, нафақахурон, сатҳи зиндагониашон вазнин ва кам будани андозаи нафақа мебошад. Оид ба масъалаи ҷудо намудани чиптаи имтиёзноки истифодаи ҳавопаймо ва қатора ба самти Душанбе –Москва, Санк-Петербург, Волгоград, Екатеринбург бо мақсади табобат 34 нафар ё 14,3 % шумораи умумии мурочиатҳоро ташкил медиханд.

Бо масъалаҳои ҷудо намудани роҳхат ба осоишгоҳҳо барои барқарор намудани саломатиашон 3 нафар ( 1,2 % ), аробачаи маъюбӣ 9 нафар, (3,8 %) ва 1 нафар ҷудо намудани хадунок ба фарзанди маъюбашон (0.4 %), 9 нафар (3,8 %) барои таъмин кардан ба ҷои кори доимӣ, оиди дида баромадани роҳҳои баргардонидани карзи имтиёзнок 4 нафар ( 1,6 %), 2( 0,8 %) нафар оид ба масъалаи рӯхсатии меҳнатӣ мурочиат кардаанд.

Таҳлили мурочиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки ҳамаи аризаҳои шаҳрвандон сари вақт иҷро гардидаанд ва аз ин шумора 25 ариза ҷавобҳо ба гирдоварандаи мавод ба Вазорат пешниход карда шуд ва 7 ариза дар назорат мебошад .

Дар дастгоҳи марказии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират **қабули шаҳрвандон** аз ҷониби директор, муовинон ва сардорони

раёсатҳо дар рӯзҳои корӣ ва шанбе, тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ба роҳ монда шуда, барои боз ҳам бехтар намудани кор дар самти қабули шаҳрвандон кам шудани миқдори умумии аризаҳо ва бо таври оҷилӣ ҳал шудани онҳо мусоидат намуд.

Дар давоми моҳи январ ва феврали соли 2012 аз тарафи директор, муовинони директор, сардорони раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентӣ 550 **нафар шаҳрвандон қабул карда шуданд.**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Директори Агентӣ<br>Маҳмадуллоев Н.Р | 42 |
| 2. | Муовини аввали директор<br>Баротов Б.Х | 34 |
| 3. | Муовини директор<br>Адураҳмонов Б. | 7 |
| 4. | Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ<br>Қурбонов Н.М.<br>- Шӯъбаи рушди захираҳои мехнатиӣ<br>Гулшанов Р.<br>- Шӯъбаи шарикии иҷтимоӣ, рушд ва дастгирии соҳибкорӣ<br>Амирбеков М. | **1**<br>**10**<br>**12** |
| 5. | Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ<br>Асроров К.А.<br>- Шӯъбаи муассисаҳои статсионарӣ<br>Каримов С.<br>- Шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ<br>Наимов О. | 58<br>161<br>162 |
| 6. | Раёсати муҳоҷирати аҳолӣ<br>Назаров Н.<br>-Шӯъбаи муҳоҷирати экологӣ<br>Давлатов М.<br>- Шӯъбаи муҳоҷирати дохилӣ<br>Қодиров Ш. | 9<br>9<br>4 |
| 7. | Раёсати ташкилӣ ва ҳуқуқ<br>Искандаров М. | 31 |
| 8. | Шӯъбаи робитаҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ | 10 |

Дар давоми моҳи январи ва феврали соли 2012 ба сохторҳои тобеи Агентии давлати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли ахолӣ ва муҳоҷират зиёда аз 8148 нафар шахрвандон шифоҳӣ муроҷиат намуданд.

| | Ҳамагӣ | Фаҳмонда | |
|---|---|---|---|

| Номи масъалаҳо | мурочиатҳои шифоҳи | шуд ё дар назорат | Баррасӣ шуд |
|---|---|---|---|
| Оиди гирифтани роҳхат барои қасбомузӣ | 1208 | 109 | 1104 |
| Таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 1168 | 283 | 885 |
| Дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 62 | 10 | 52 |
| Дастрас намудани асобағал | 54 | 25 | 29 |
| Дастрас намудани воситаҳои садо шунавоӣ | - | - | - |
| Гирифтани қарзи имтиёзнок | 302 | 223 | 79 |
| Кӯмаки молиявӣ | 29 | 3 | 26 |
| Кӯмакпулӣ | 564 | 315 | 249 |
| Масъалаи шаҳодатномакунонӣ | 128 | - | 128 |
| Гирифтани тасдиқномаи бекорӣ | 13273 | 64 | 1309 |
| Гирифтани роҳхат ба истироҳатгоҳ ва ҷойгир намудан дар хона-интернатҳо | 18 | 3 | 9 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ | 243 | 20 | 223 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони меҳнати | 43 | - | 43 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати камбизоат | 1557 | 2 | 1555 |
| Оиди ташкили корҳои ҷамъиятӣ ободони | 48 | 27 | 21 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати бекорон | 29 | 12 | 17 |
| Дигар масълаҳо барои гирифтани маълумот | 1068 | - | 1068 |
| Гирифтани роҳхат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 2 | 1 | 1 |
| Гирифтани ҷубронпулии барқ | 212 | - | 212 |
| Гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ | 40 | 10 | 30 |
| | | | |
| | | | |
| Ҷамъ: | 8148 | 1102 | 7046 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 7046 мурочиати шифоҳии шаҳрвандон баррасӣ гардида ё 86,4 % ташкил медиҳад ва 1002 мурочиати шифоҳӣ дар назорат мебошад (12, 6 %).

Ба Маркази реинтегратсияи муҳоҷирони меҳнатии Раёсати муҳоҷирати аҳолии Агентӣ дар давоми моҳи январ ва феврали соли 2012 2 нафар муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта ва шаҳрвандони бекор барои дарёфти ҷои кор ва омӯзиши касб мурочиат намуданд. Ба аксарияти онҳо ҷойҳои кори холӣ пешниход гардид, инчунин ба муҳоҷироне, ки касби талаботи бозори меҳнатро надоранд, ба Маркази таълимии калонсолон барои касбомӯзӣ роҳнамоӣ карда шуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки 19 нафар шаҳрвандон дар қабули мӯҳтарам Вазир оиди масъалаҳои расонидани кӯмаки модди аз тарафи Кумитаи Имдоди Хумайнӣ мурочиат намуданд, ки бо таври мусбӣ ҳали худро ёфтан.

Ҳамзамон тазакур бояд дод, ки аз ҷониби сардорони Раёсату шӯъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, нисбати пешниходи маълумоти ҷамъбастии ҳар моҳаи қабули шифоҳии шаҳрвандон хунук назарона рафтор намуда ҳар моҳ сари вақт маълумот пешниход намекунанд, ки ин ҷамъбасти қабули шифоҳии шаҳрвандон халал мерасонад.

**Корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа**

Яке аз самтҳои муҳими робита бо ҷомеа ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, бахри амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ичтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мебошад, ки дар иртибот ба ин чунин корҳо ба сомон расонида шудаанд:

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, “Ҷаҳоннамо”, “Сафина”, “Баҳористон” дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси Агентӣ **9** барномаю гузоришҳои телевизионӣ сабт ва намоиш дода шуд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар мегиранд:

“Оиди фаъолияти Агентӣ ва нақшаҳо дар соли 2012”; оиди баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор; иҷроиши Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ, квота, корҳои ҷамъиятии музднок; оиди фаъолияти “Литсей-интернати махсуси маъюбон”-и Вазорат дар барномаи “Тобиш”.

Бо **шабакаҳои Радио** Тоҷикистон, “Садои Душанбе”, “Имрӯз” ҳамкорӣ намуда, мусоҳибаю барномаҳо мураттаб шуданд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар гирифтанд:

Оиди «Ҳадафи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ», оиди амалӣ гаштани Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2012; роҷеъ ба ҳифзи ичтимоӣ барномаи “Гар дасти фитодае бигири...”

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва радиои Тоҷикистон доир ба баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **12 эълони вакансияҳои холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардид.

Мавриди зикр аст, ки дар семоҳи соли равон Агентӣ ҳамкориро бо

шабакаҳои интернетии АМИТ «Ховар», «Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «labour.tj», «Пресса.тҷ», «Озодагон» ва «Имрӯз-нюс» хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти Агентӣ мунтазам маводҳои иттилоотӣ манзур намуд.

**Дар семоҳаи соли ҷорӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ 12** мавод ворид карда шуд, ки мавзӯҳои зеринро дар бар мегирад:

Аз натиҷаи фаъолияти Агентӣ ва иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011; "Кӯмакҳои хайриявӣ ба хонаинтернатҳо дар соли 2011", «Кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат дар соли 2011», «Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар соли 2011 », « Хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар марказҳои муваққатӣ дар соли 2011 », "Ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2011"оиди ҷорӣ намудани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истравшан ва Ёвони вилояти Хатлон ва ғайра.

Барои беҳтару самаранок ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ Нақша-чорабиниҳо оиди инъикоси фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шабакаҳои радио ва телевизионии ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» таҳия ва ба мақомоти зертобеъ дастрас гардонида шуд.

Мутобиқи маълумоти дастрасшудаи мақомоти зертобеи Агентии давлатӣ маълум гардид, ки дар маҳалҳо низ барои пеш бурдани сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ (дар шабакаҳои маҳаллӣ) маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд. Ҳамчунин дар маҳалҳо баҳри пешбурди сиёсати давлатӣ оиди ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва стендҳо ба иттилои шаҳрвандон расонидаанд.

Тибқи маълумоти мақомоти зерсохтори Агентӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳру ноҳияҳо дар самти сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо ва қарорҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри иҷрои талаботи қонунгузории ҷорӣ тадбирҳо меандешад.

**Директори Агентӣ** **Н. Маҳмадуллоев**